## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Имрӯзҳо таъмини аҳолӣ бо маъводи ғизоӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, олимону мутахассисони соҳаро водор месозад, ки паи масъалаи мубрам, корҳои илмӣ-тадқиқотиро ба сомон расонанд ва бо ин васила аҳолии кишварро тариқи зиёд намудани истеҳсоли ғалладонагиҳо бо ниёзи аввалия таъмин намоянд. Гарчанде, ки масоҳати заминҳои корам дар ҷумҳурӣ маҳдуд аст, фаровонии об, кифоя будани рӯзҳои офтобӣ ва нурафкании босуръати офтоб имконият медиҳад, заминҳои корами обӣ бомақсад ва самаранок истифода гардида аз як майдон соле ду-се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ руёнида шавад.

Шолӣ ба қатори зироатҳои ғалладонагӣ шомил буда, аз ҷиҳати аҳамияти ғизоӣ ва маҳсулнокӣ мавқеи хосаи худро дорад. Дар шароити Тоҷикистон зироати шолӣ васеъ парвариш карда мешавад. Таркиби дони шолӣ як миқдор моддаҳои барои организми инсон заруриро дорад. Аз ин рӯ, парвариши ин зироат ба яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ - таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ҳамоҳанг ва тавъам аст.

Шакаров Нодирҷон кории илмӣ-таҳқиқотии худро оид ба омӯзиши усулҳои парвариши шолӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри гуногуни нуриҳои маъдани барои руёнидани ҳорсили тарҳрезишуда) дар кишти ангорӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда натиҷаҳои хеле назаррасро ба даст овардааст.

**Бояд қайд кард, ки навгонии илмӣ аз он иборат аст, ки** дар шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон бори аввал усули парвариши шолӣ дар кишти ангорӣ (муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нурӣ) ба роҳ монда шуда, илман асоснок карда шудааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии Шакарон Н. нишон медиҳад, ки дар шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон барои шолии навъи “Авангард” дар кишти ангорӣ муҳлати мувофиқи кишт (10-уми июн) ва меъёри муътадили кишт (7 млн. тухмӣ/га) муайян карда шудааст. Инчунин натиҷаҳо нишон дод, ки дар сурати истифодаи $N_{120}P_{120}K_{50}$ дар 1 гектар амалан имконияти ба даст овардани 73,8 с/га ҳосили дони шолӣ дар кишти ангорӣ мавҷуд аст ва тавсияҳо низ оид ба натиҷаи таҳқиқот ба истеҳсолот пешниҳод карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аҳамияти амалии таҳқиқотҳои Шакаров Нодирҷон дар майдони 1,5 гектар барои татбиқи амалӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ карда шудааст.

Дар интиҳо бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович кори илмии таҳқиқоти ба итмом расида ба ҳисоб рафта, дар он масъалаи озуқавории ҷумҳурӣ, хусусан таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ дарҷ гардидааст, ки он бартарияти соҳаро дорад ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, Муовини директори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара оид ба таълим ва илм, дотсент
E-mail: zokir@list.ru
Tel: +992918873349

Солиев З.М.

Имзоҳои З.М.. Солиевро тасдиқ менамоям: сардори шуъбаи кадрҳои ва коргузории филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара

Шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ

Мамадқулова Ф.Ф.

*Суроға: 735920 шаҳри Исфара, кучаи А.Ҷураев 52, филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш. Исфара*